«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ", доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
________ Раҳмон Д.
«06» ____09____ соли 2022

## ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар - МДТ "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" ба диссертатсияи Мусоева Бунафша Аламхоновна дар мавзуи "Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ, таҳсилоти касбӣ

Давраи истиқлолият ба мо имкон медиҳад, ки ба таҳқиқи илмии масоили гуногуни илмҳои педагогӣ ва методикаи таълими онҳо аз диди нав назар намоем, зеро донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба он ниёз дорад. Махсусан, дар соҳаи методикаи фанҳои риёзӣ бедоркунии завқи математикии хонандагон ва технологияи омодасозии касбии омӯзгорониояндаи ин фан хеле муҳим аст.

Муаллифи диссертатсия дар мавриди мубрамияти мавзуъ комилан дуруст қайд мекунад, ки дар раванди омодасозии психологию педагогӣ ба ташаккули омодагии касбӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Омӯзиши математика воситаи тавонои рушди қобилияти маърифатӣ ва эҷодӣ мебошад. Ҷанбаҳои омӯзиш ва самаранокии инкишофи завқи математикӣ аз синну соли хонандагон вобастагии муайян дошта, барои

муваффақияти минбаъдаи онҳо бетаъсир нахоҳад буд. Бояд қайд кард, ки Мусоева Б.А. дар рисолаи худ барои инкишофи завқи математикии хонандагон ташаккули сохторҳои мантиқии тафаккур, инкишофи қобилият, робитаи таҳсилоти математика бо дигар фанҳо ва ғайраро дар ҷараёни таълиму тадрис дуруст ва хеле ҷолиб мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аз ин нигоҳ, диссертатсияи Мусоева Бунафша Аламхоновна дар мавзуи "Технологияи омодасозии касбии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон" маҳз ба ҳамин масъалаи мубрами илмӣ бахшида шудааст, ки аз аҳамияти назариявию амалии методикаи таълими математика бархурдор аст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 5 параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, аз 171 саҳифаи матни компютерӣ, 9 расму диаграмма ва 13 ҷадвал иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объекти мавзуъ, фарзияи таҳқиқот, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, масоили ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди мавзуъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода мешавад, ки ба талаботи ҳамин гуна корҳо пурра ҷавобгӯ аст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:**

– сохтор ва мундариҷаи фаъолияти муаллими оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон ошкор карда шуд;

– омодасозии касбии муаллимони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон ҳамчун як қисми таркибии касбӣ-методии онҳо;

– амсилаи омодасозии муаллимони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон асоснок карда шуд;

– технологияи самаранокии амалисозии омодасозии муаллимони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон коркард шуд;

– меъёрҳо, нишондодҳо оиди сатҳи ташаккул ёфтани омодасозии муаллимони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон муайян карда шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқотро** - асосҳои назариявию методологии омӯзиши технологияи омодасозии касбии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон ташкил медиҳад. Маводи назариявии омӯзишӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ муфид буда, дар таълими математика пурра истифода карда мешавад.

Маводи таҳқиқот инчунин барои навиштани дастурҳои методӣ ва таълимӣ дар соҳаи методикаи таълими математика хизмат мекунад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** -дар коркард ва дар амал татбиқ гардидани курси махсуси «Идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» дар танзими тавсифномаи тахассусии мутахассис оид ба идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон мебошад, ки метавонад тавсифномаи тахассусии омӯзгорро дар таъйини нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои сатҳи ташаккули омодагӣ барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон такмил ва пурра намояд, ки он ба устодони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ имконият медиҳад, ки саривақт ва босамар раванди омодагии донишҷӯёнро барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон таҳти назорат дошта бошанд.

Бобҳои диссертатсия ба масоили мубрами методикаи таълими математика бахшида шудаанд. Аз ҷумла, дар боби якум «Асосҳои назариявии омодасозии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон" тавсифномаи раванди инкишофи завқи математикии хонандагон ҳамчун низоми омӯзиш ироа гардида, ҷанбаҳои назариявии ташаккули омодагии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон, роҳҳои амалисозии онҳо дар ҷараёни омодасозии касбии омӯзгорони оянда ошкор гардидааст.

Дар параграфи якуми боби аввал вобастагии инкишофи завқи математикии хонандагон ба ҳамкории заминаҳои табиӣ (истеъдод, қобилият), шароити муҳити мавҷудаи иҷтимоӣ ва фаъолнокии худи хонандагон дар раванди таълим мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Яке аз ҷанбаҳои ҷолиби боби аввал дар он аст, ки муаллиф дар он амсилаи ташкили фазои ҳамкориро дар таълими фанни математика бо мақсади ҳамкории омӯзгору хонандагон, хонанда бо хонандагон ва хонандаю омӯзгор барои ҷустуҷӯйи роҳҳои самараноки ба мақсад ноил шудан дар шакли нақша басо содаю фаҳмо нишон дода шудааст.

Параграфи дуюми боби аввал «Омодагии психологӣ-педагогии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» ном дошта, дар он хосиятҳои низомофарӣ ва ташаккули омодагии шахсияти омӯзгор, омодасозии умумипедагогӣ ва умумипсихологии ӯ тавсиф гардидааст. Дар он ҳамчунин таъкид мегардад, ки таъсири бахши умумифаннӣ (математика, информатика, тарбияи ҷисмонӣ, забони русӣ, экология, адабиёти кӯдак ва ғайра) ба ташаккули минбаъдаи шахсияти мураббӣ аз лиҳози умумипедагогӣ, умумифарҳангӣ ва шахсиятӣ низ аҳамияти педагогӣ дорад. Зеро ҷиҳати омодасозии касбӣ (психологияи хонанда, назария ва методикаи инкишофи математикӣ) ба ташаккули омодагии шахсияти донишҷӯён барои фаъолияти омӯзгор оид ба инкишофи завқи математикии хонандагон, азхудкунии донишҳои хусусӣ-методии зарурияти хос дорад.

Боби дуюми диссертатсия «Технологияҳои омодасозии касбии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон» ном дошта аз се параграф иборат аст. Дар параграфи якуми он, ки “Масъалаҳои омода гардонидани омӯзгорони оянда дар ҷараёни идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон” ном дорад, ҷанбаҳои асосии назариявӣ ва технологии корҳои таҷрибавӣ шарҳ дода шуда, натиҷаҳои муқарраркунӣ, ташаккулӣ ва назоратии таҷрибаҳо бозгӯ ва мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки дар шакли ҷадвал

муфасалан таҳлил гардидааст. Муаллифи диссертатсия дар параграфи якуми боби дуюм кори таҷрибавӣ-таҳқиқотиро бо се марҳалаи зерин роҳандозӣ намудааст, ки аҳамияти хоси илмӣ-педагогиро молик аст:

- ***марҳилаи аввал*** – таҳлили ҷустуҷӯӣ;
- ***марҳилаи дувум*** – ташаккулӣ;
- ***марҳилаи севум*** – баҳодиҳӣ ё назоратӣ.

Параграфи дуюми боби дуюм "Шароити дидактикии омодагии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон" ном дошта, дар он масъалаҳои дидактикии омодагии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон" таълими идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон дар раванди таҷрибаи ташаккулӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф дар ин параграф намунаҳои пурсишномаҳо ва саволҳои санҷишӣ ҷиҳати ташхиси омодагии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон чунин таҳлил кардааст:

1. **Сифатҳои шахсӣ ва тавсифномаи омӯзгор:** самтгирии инсонгароёнаи шахсият, кӣ ба инкишофи тафаккури хонанда ва рушди ҳаматарафаи он нигаронида шудааст; рефлексия ва эмпатияи педагогӣ, қобилияти муошират бо хонанда бар усул (принсипҳо)-и ҳамкорӣ ва ҳамэҷодӣ, масъулияти баланд, фаъолнокии эҷодӣ, омодагӣ ба худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ.

2. **Донишҳо:** омӯзгори оянда бояд аз консепсияҳои муосири математика ҳамчун илм огоҳӣ дошта бошад, моҳият, ҳадафҳо ва вазифаҳои раванди педагогӣ, асосҳои психологӣ-педагогӣ ва дидактикии раванди дар зеҳни хонандагон ташшаккул ёфтани тасаввуроти математикӣ, консепсияи муосири инкишофи завқи математикии хонандагонро дарк намояд, механизмҳо ва вижагии фаъолияти педагогӣ оид ба идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагонро бидонад.

3. **Маҳоратҳо:** фарогирии маҷмӯи муҳимтарин маҳоратҳои таъминкунандаи идоракунии босамари инкишофи завқи математикии хонандагон.

Аз ҷумла маҳорати идоракунии завқи математикии хонандагонро пурра баррасӣ намудааст.

Мусоева Б.А. озмоиш ва натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар параграфи сеюми боби дуюм, ки "Таҷрибаҳои педагогӣ ва натиҷаҳои онҳо" ном дорад, мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор дода, онро дар шакли ҷадвалу диаграммаҳо возеҳу равшан нишон додааст. Натиҷаҳои ҳосилкардаи муаллиф низ хеле хуб буда, аз тарзу усули гузаронидани таҷрибаҳои педагогии ӯ шаҳодат медиҳанд.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро комилан иҷро кардааст ва як кори пурра ва пухтаи илмиро пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ пурра муносиб ва мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда диссертатсия аз баъзе камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти муаллиф муфиданд, аз ҷумла:

1. Хуб мебуд дар баробари корҳои таҳқиқоти хориҷиён, инчунин аз таҳқиқотҳои муҳаққиқони тоҷик низ бисёртар истифода мекард.

2. Барои тарғиб ва инкишофи завқи математикии хонандагон баёни бозиҳои шавқовари математикӣ низ дар параграфи алоҳида арзиши назариявию амалии корро афзун мекард.

3. Дар автореферат ва рисола баъзе хатоҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Дар маҷмӯъ, норасоиҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашударо халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо хусусияти таҳририю тавсиявӣ дошта, ислоҳшавандаанд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Тавре ки аз феҳрасти таълифоти Мусоева Бунафша Аламхоновна бармеояд, ӯ доир ба мавзуи таҳқиқотии худ 11 таълифоти илмӣ ба нашр расонидааст, ки 7-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ФР ва КОА ҶТ инчунин ба чоп расидаанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тахия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Мусоева Бунафша Аламхоновна дар мавзуи “Технологияи омодасозии касбии омӯзгорони оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риёзӣ, таҳсилоти касбӣ ба ҳимоя пешниҳод шудааст, кори баитмомрасидаи мустақили илмӣ-таҳқиқотии тахассусӣ буда, тибқи меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати ҶТ, №267 аз 30.06.2021) омода гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва худи муаллиф сазовори дараҷаи илмии матлуб мебошад.

Тақриз аз ҷониби мудири кафедраи “математика ва методикаи таълими он”, номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсент Ниёзов Ҷонмаҳмад Муродович тартиб дода шуда, дар ҷаласаи васеи кафедраи “математика ва методикаи таълими он”-и МДТ “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” аз 06 сентябри соли 2022, протоколи №2 омода гардида, бо қарори №2 аз “06” сентябри соли 2022 тасдиқ шудааст.

Мудири кафедраи математика ва
методикаи таълими он, номзади илмҳои педагогӣ,
ичрокунандаи вазифаи дотсент Ниёзов Ҷонмаҳмад Муродович

Экспертон:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсени кафедраи
математика ва методикаи таълими он Маҳмудов Туйчи

Сардори шуъбаи тайёркунӣ ва
азнавтайёркунии кадрҳои илмӣ-педагогӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Сироҷиддини Давлаталӣ

Котиби ҷаласа Ғуломова М.И.

**Суроға:** 735000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (+992- 3322) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj

Имзоҳои Ниёзов Ҷ.М., Маҳмудов Т., Сироҷиддини Д. ва Ғуломова М.И.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” Амиров Ф.А.